Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-029-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, ш.Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 17)

## Тақризи

номзади илмҳои фалсафа Азизов Комил Ҷурахонович ба автореферати диссертатсияи Камолов Шодмонҷон Валихонович дар мавзуи «Фалсафаи иттилоот ва ҷаҳонбинии муосири илмӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020100 – Фалсафа (6D020106 – Фалсафаи иҷтимоӣ)

Дар шароити бошиддат рушд ёфтани тамоюли иттилоотонии ҷомеа, тавсеаи техника ва технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ ва ба захираи асосии ҷомеа мубаддал гардидани иттилоот афзоиши нақши он дар ҳалли масъалаҳои ҳаётан муҳими иҷтимоӣ ба назар мерасад. Ҳамзамон, дар шароити гузариши ҷомеа ба дараҷаи нави рушди худ – ҷомеаи иттилоотӣ, ба тамоми самтҳои ҳаёти инсонӣ реша давондани технологияҳои муосири иттилоотӣ-коммуникатсионӣ муҳити инсонӣ ба таври муттасил дигаргун гардида истодааст. Дар чунин шароите, ки иттилоот захираи муҳимтарини ҷомеа маҳсуб мешавад, инсон бояд кор ва зиндагиро бо тарзи нав омӯзад. Вобаста ба ин, омӯзиш ва баррасии масъалаи фалсафаи иттилоот ва ҷаҳонбинии муосири илмӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таҷрибаи беназир буда, мавриди таҳқиқ қарор додани он аз ҷониби муҳаққиқи ҷавон иқдоми саривақтӣ ва созанда мебошад.

Таҳқиқоти мазкур кӯшиши таҳлили фалсафиест баҳри баррасии аҳамият ва зарурати ташаккули фалсафа ва тасаввуроти амиқ нисбати иттилоот, ҷаҳонбинии муосири илмӣ, ҷаҳонбинии нави иттилоотӣ ва нақши он дар ташаккули маърифат ва ҷаҳонбинии ҷавонон. Вазъи коркарди илмии мавзуъ дар сатҳи кофӣ муайян гардида, ба он асос меёбад, ки дар он бори аввал дар доираи фалсафаи ватанӣ масъалаи ташаккули самти нави фалсафа – фалсафаи иттилоот, инчунин ҷаҳонбинии муосири илмӣ ва ҷаҳонбинии нави иттилоотӣ мавриди омӯзиш ва таҳқиқ қарор дода шудааст.

Мақсади асосии рисолаи таҳқиқотиро таҳлили ҳамаҷонибаи тавсифҳои илмӣ ва методологии мафҳуми иттилоот дар доираи ҷанбаҳои гуногуни воқеияти иттилоотӣ, таъсири омили афзоиши иттилоотӣ ба таҳаввулоти ояндаи инсон ва ташаккули ҷаҳонбинии нави иттилоотӣ ташкил додааст.

Барои амалисозии мақсадҳои асосӣ диссертант ҳалли масъалаҳо ва вазифаҳои гуногунро ҳадафи хеш қарор додааст. Ба монанди таҳлили генезиси таърихӣ-фалсафии мафҳуми иттилоот, шарҳи мафҳуми иттилоот дар доираи консепсияҳо ва назарияҳои илмӣ, муайян намудани таносуби дониш ва иттилоот, муайян намудани таъсири воқеияти иттилоотӣ ба таҳаввулотиояндаи инсон, таҳлили хусусиятҳои асосии ҷаҳонбинии нави иттилоотӣ ва ғайраҳо.

Зимни таҳқиқоти рисолаи диссертатсионӣ, муаллиф бештар ба муқаррарот ва хулосаҳои назариётчиёни илмҳои фалсафӣ, муҳаққиқони барҷастаи ғарб, рус, тоҷик ва ғайра, ки бевосита ба мавзуи таҳқиқотӣ рӯ овардаанд, такя кардааст. Дар баробари ин, корҳои илмии олимон ва муаллифон, ки дар шакли монографияҳо, дастурҳои таълимӣ, мақолаҳои илмӣ, инчунин Паёмҳои Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди истифодаи васеъ қарор гирифтааст. Бо таҳлили доираи васеи адабиёти илмӣ омӯзиши фалсафаи иттилоот, ташаккули ҷаҳонбинии муосири илмӣ ва ташаккули ҷаҳонбинии нави иттилоотӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба амал бароварда шуда, нисбат ба аҳамиятнок будани ҷаҳонбинии нави иттилоотӣ дар шароити ташаккули фазои иҷтимоӣ-фарҳангӣ ва иттилоотии ҷомеа хулосаҳои илман асоснокшуда баён гардидаанд.

Сохтори рисолаи таҳқиқотӣ аз муқаддима, се боб бо фарогирии ҳашт зербоб, хулоса ва рӯйхати адабиёти истифодашуда иборат мебошад.

Боби якуми диссертатсия, ки «Таҳлили фалсафӣ ва умумиилмии мафҳуми иттилоот» ном гирифтааст, дар он масъалаҳои генезиси таърихӣ-фалсафӣ ва тасаввуроти тоилмӣ оид ба мафҳуми иттилоот, шарҳи мафҳуми иттилоот дар доираи консепсияҳо ва назарияҳои илмӣ, тамоюлҳои асосӣ дар таҳқиқ ва тавзеҳи мафҳуми иттилоот дар сатҳи зарурӣ мавриди таҳлил қарор гирифтааст.

Боби дуюми диссертатсия «Иттилоот ҳамчун омили муҳими ҷаҳонбинии илмӣ» унвон гирифта, дар доираи се параграф масъалагузорӣ шудааст. Дар ин қисмати диссертатсия муаллиф тамоюлоти таҳаввулоти инсон дар шароити воқеияти иттилоӣ, таносуби иттилоот ва дониш, иттилоот ҳамчун ҷузъи ҷудонашавандаи ташаккули ҷаҳонбинии муосири илмиро мавриди омӯзиш қарор додааст.

Боби сеюми диссертатсия «Масъалаи ташаккули ҷаҳонбинии нави иттилоотӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон»-ро номгузорӣ шуда, дар он масъалаҳои мушкилот ва дурнамои ташаккули ҷаҳонбинии нави

иттилоотӣ, нақши ҷаҳонбинии нави иттилоотӣ дар ташаккули маърифат ва ҷаҳонбинии ҷавонони тоҷик баррасӣ гардидааст.

Муҳаққиқ вобаста ба мавзуи диссертатсионӣ 15 мақола, аз ҷумла, 6 мақола дар нашрияҳои тақризшавандаи КОА – назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 9 мақолаи дигар дар маҷмӯаҳои конференсияҳои байналмилалӣ ва ҷумҳуриявӣ нашр намудааст, ки ба муҳтавои рисолаи диссертатсионӣ мувофиқат мекунанд.

Хулоса ва тавсияҳое, ки аз ҷониби муаллиф пешниҳод гаштаанд моҳияти бунёдӣ ва илмӣ дошта, истифодаи онҳо дар амалия аз манфиат холӣ нест.

Дар баробари дастовардҳои хуби илмӣ дар автореферати диссертатсия баъзан нуқсонҳо ба чашм мерасанд, ки ислоҳи онҳо дар комил гардидани мазмуни автореферати рисола мусоидат менамояд. Аз ҷумла, дар матни чопии автореферат хатогиҳои имлоӣ ва техникӣ ба назар мерасанд, инчунин дар хусуси тавсифи мафҳуми иттилоот ба кадом назария ва ё консепсияи фалсафӣ наздик будани мавқеи муаллифи рисола дар матни автореферат норавшан мондааст.

Новобаста аз чунин норасогиҳо онҳо наметавонанд арзиши илмии таҳқиқоти мазкурро кам намоянд.

Автореферати диссертатсияи Камолов Шодмонҷон Валихонович ба талаботи бандҳои 31 ва 33-и «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ гардидааст ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори соҳиб гардидан ба дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020100 – Фалсафа (6D020106 – Фалсафаи иҷтимоӣ) мебошад.

Муқарриз:
номзади илмҳои фалсафа, и.в. дотсент,
мудири кафедраи фанҳои гуманитарии
Донишгоҳи давлатии Данғара — Азизов Қ.Ҷ.

Имзои н.и. фалсафа, дотсент,
Азизов К.Ҷ.-ро тасдиқ менамоям.
Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишгоҳи давлатии Данғара — Асадуллоева Д.

ШУЪБАИ КАДРҲО